Замимаи 1
ба қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «30» июни соли 2021, №263

# Стратегияи
# Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаҳои илм, технология ва инноватсия барои давраи то соли 2030

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Стратегияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаҳои илм, технология ва инноватсия барои давраи то соли 2030 (минбаъд – Стратегия) мақсад ва вазифаҳои асосии рушди илм, технология ва инноватсияро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин давра муайян карда, самтҳои асосӣ ва чораҳои амалисозии сиёсати давлатиро дар ин соҳаҳо, инчунин натиҷаҳои чашмдошти амалисозии онро муқаррар менамояд.

2. Стратегия замина барои таҳия ва татбиқи барномаҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти рушди якҷояи илм, технология ва инноватсия, инчунин коркарду татбиқи технология ва лоиҳаҳои нави инноватсионӣ дар иқтисодиёти кишвар мебошад.

## 2. ВАЗЪИ КУНУНИИ СОҲАИ ИЛМ ВА ҲАМОҲАНГСОЗИИ КОРҲОИ ИЛМИЮ ТАҲҚИҚОТӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

3. Ба асри нав инсоният бо дастовардҳои назарраси илмӣ ва технологӣ ворид гардид, ки он тарзи ҳаётро ба куллӣ тағйир дода истодааст. Истифодаи самарабахши натиҷаҳои илми бунёдӣ ва амалӣ омили муҳимми рушди устувор дар ҳар як давлат мебошад. Вобаста ба ин, вазифаи муҳим барои Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян кардани самт барои табдил додани илми ватанӣ ба омили муҳимми рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва маънавии кишвар, суръатбахшии неруи иқтисодии он, таъмини рақобатпазирии иқтисодиёт ва амнияти миллии давлат тибқи афзалиятҳои стратегии дарозмуддати ҷумҳурӣ мебошад.

4. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳаи илм самти афзалиятнок ба шумор рафта, дар партави сиёсати хирадмандона ва илмпарваронаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои



миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон рушд меёбад. Давлат ва ҳукумат илмро меҳвари асосии рушди кишвар ва олимонро захираи бузурги зеҳнии ҷомеа арзёбӣ намуда, барои рушди минбаъдаи он ва беҳтар намудани шароити иҷтимоиву иқтисодии олимон тадбирҳои судманд меандешанд.

5. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то 1 ноябри соли 2020 шумораи кормандони дараҷаю унвонҳои илмидор, ки бевосита ба корҳои илмию таҳқиқотӣ машғуланд (яъне, дар муассисаҳои илмию таҳқиқотӣ кор мекунанд), ҳамагӣ 4505 нафарро ташкил медиҳанд, ки аз онҳо 362 нафар доктори илм ва 839 нафар номзади илм мебошанд.

6. Дар соли 2019 дар муассисаҳои илмию таҳқиқотӣ ва муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, ки дар онҳо аспирантҳо ва докторантҳои PhD тайёр карда мешаванд, аз рӯйи 40 ихтисос миқдори аспирантҳо – 758 нафар, докторантҳои анъанавӣ – 43 нафар ва докторантҳои PhD 1091 нафарро ташкил медиҳанд, аспирантураро 393 нафар, докторантураи анъанавиро 13 нафар ва докторантураро 106 нафар хатм кардаанд.

7. Мувофиқи маълумоти Комиссияи аттестатсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба аттестатсияи кадрҳои илмӣ ва илмӣ-омӯзгории тахассуси олӣ, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳолати то 31 декабри соли 2020 бо қарори Комиссияи олии аттестатсионии Федератсияи Россия ҳамагӣ 19 шӯрои диссертатсионӣ, аз ҷумла 10 шӯрои докторӣ ва 10 шӯрои номзадӣ амал мекарданд, аз ҷумла 1 шӯро оид ба илмҳои физика ва математика, 1 шӯро оид ба илми химия, 3 шӯро оид ба илмҳои тиббӣ, 1 шӯро оид ба илмҳои кишоварзӣ, 4 шӯро оид ба илмҳои филология, 2 шӯро оид ба илми таърих, 3 шӯро оид ба илмҳои педагогӣ, 1 шӯро оид ба илми фалсафа, 2 шӯро оид ба илмҳои иқтисодӣ.

8. То санаи 1 октябри соли 2020 бо қарори Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамагӣ 60 шӯрои диссертатсионӣ, аз ҷумла 30 шӯрои докторӣ ва 30 шӯрои номзадӣ амал мекарданд. Аз инҳо, дар самти илмҳои табиию риёзӣ ва техникӣ – 16 шӯро, илмҳои ҷамъиятию гуманитарӣ – 30 шӯро, илмҳои тиббӣ ва фарматсевтӣ – 9 шӯро ва илмҳои байторӣ ва кишоварзӣ 5 шӯро мувофиқ меоянд. Аз шумораи умумии шӯроҳо ба муаасисаҳои таҳсилоти олии касбӣ 48 шӯро ва ба муассисаҳои илмию таҳқиқотӣ 12 шӯро рост меояд. Дифои рисолаҳо аз рӯйи 40 ихтисос, аз ҷумла дар соҳаи илмҳои дақиқ,

табиатшиносӣ ва техникӣ аз рӯйи 22 ихтисос, дар соҳаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ ва гуманитарӣ аз рӯйи 18 ихтисос ба роҳ монда шудааст.

9. Заминаи рушди илм, технология ва инноватсия дар ҷумҳурӣ инҳо мебошанд:

- ташкилотҳои илмии давлатӣ (академӣ, соҳавӣ ва донишгоҳӣ), ки ба фаъолияти илмӣ, илмию техникӣ, омода кардани кормандони илмӣ машғуланд, ҳамчунин неруи кадрии ин ташкилотҳо, заминаи моддию техникӣ ва таҷрибавию конструктории онҳо;

- таҳқиқотҳои бунёдӣ ва амалӣ, низоми таҳсилоти олӣ;

- таҷрибаи мутамарказ гардонидани кӯшишҳо ба ҳалли масъалаҳои илмӣ, илмию техникӣ ва технологӣ;

- захираҳои бузурги табиӣ, энергетикӣ ва ғайра.

10. Айни замон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аксарияти таҳқиқоти илмӣ дар соҳаи илмҳои табиатшиносӣ, техникӣ, тиббӣ, кишоварзӣ, гуманитарӣ ва ҷамъиятшиносӣ дар муассисаҳои илмии дахлдори зерин анҷом дода мешавад:

- Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон муассисаи худидорашавандаи олии илмии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон дар фаъолияти худ масъалаҳои гузаронидан, инкишоф додан ва ҳамоҳанг сохтани тахқиқоти бунёдӣ ва амалӣ дар ҷумҳурӣ, омӯзиши масъалаҳои муҳимми тараққиёти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии ҷумҳурӣ, афзун гардонидани самараи истифодаи дастовардҳои илмӣ, тайёр кардани кадрҳои илмии баландихтисос, ҳамкории илм ва истеҳсолотро таъмин менамояд. Ба ҳайати Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон 25 муассисаи илмию таҳқиқотӣ дохил мешаванд. Дар муассисаҳои илмии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон то 01 декабри соли 2020 ҳамагӣ 2059 нафар кор мекарданд, ки аз онҳо 1170 нафар кормандони илмӣ мебошанд. Аз шумораи умумии кормандони илмӣ 851 нафарро кормандони илмии бастӣ ташкил медиҳанд, ки аз онҳо 156 доктори илм, 272 номзади илм ва 463 нафар кормандон бе дараҷаҳои илмӣ мебошанд;

- Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон муассисаи давлатии худидорашавандаи илмии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки банақшагирӣ, ҳамоҳангсозӣ, инкишофи таҳқиқоти бунёдӣ ва илмӣ дар соҳаи кишоварзӣ, тайёр кардани кадрҳои баландихтисоси илмиро таъмин менамояд. Ҳоло дар сохтори



Академия 11 муассисаи илмӣ фаъолият менамоянд. Муассисаҳои илмӣ дорои 24 филиал, стансия ва хоҷагиҳои таҷрибавӣ мебошанд. Дар муассисаҳои илмии Академия 1118 нафар корманд, аз ҷумла 540 ходими илмӣ, аз онҳо 32 доктор ва 122 номзади илм, аз он ҷумла 9 академик ва 4 аъзои вобастаи Академияи илмҳои кишоварзӣ ба таҳқиқоти илмӣ фаъолият менамоянд;

- Академияи таҳсилоти Тоҷикистон гузаронидан ва ҳамоҳанг сохтани таҳқиқоти илмӣ доир ба педагогикаи умумӣ, назария ва методикаи таълими забонҳои тоҷикӣ ва русӣ, назария ва методикаи таълим дар самтҳои дигари илми педагогикаро таъмин менамояд. Дар назди Академия 3 муассисаи илмӣ амал мекунанд, ки дар онҳо ҳамагӣ 141 нафар кормандони илмӣ, аз ҷумла 15 доктори илм, 14 номзади илм ба фаъолияти илмӣ машғуланд;

- муассисаҳои илмию таълимии тиббии тобеи Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон рушди таҳқиқоти илмии бунёдӣ ва амалиро дар соҳаи тиб таъмин менамоянд, фаъолияти илмиву таҳқиқотии академӣ ва донишгоҳии низоми Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ҳамоҳанг месозанд. Дар соҳаи тиб ҳоло 17 муассисаи илмию таълимӣ ба корҳои илмию таҳқиқотӣ машғул мебошанд. Дар ин муассисаҳо ҳамагӣ 667 нафар корманди илмӣ, аз ҷумла 163 нафар доктори илмҳои тиббӣ ва 504 нафар номзади илмҳои тиббӣ фаъолият мекунанд. То 1 декабри соли 2020 дар ҷумҳурӣ шумораи докторони илми тиббӣ 170 нафар ва номзадҳои илми тиббӣ 721 нафарро ташкил медиҳад;

- дар бахши илми муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ таҳқиқот дар марказҳои илмӣ, иттиҳодияҳои илмию истеҳсолӣ ва пойгоҳҳо, парваришгоҳҳо, озмоишгоҳҳо ва кафедраҳо анҷом дода мешаванд. Таҳқиқоти илмӣ ва тайёр кардани кадрҳо ва мутахассисони илмӣ дар аксар маврид ҳо дар ҳамкорӣ бо муассисаҳои илмии академӣ анҷом дода мешаванд;

- ба бахши соҳавии илм воҳидҳои илмию таҳқиқотии вазорату идораҳо дохил мешаванд, ки онҳо таҳқиқоти амалиро анҷом дода, тавсияҳои амалиро доир ба баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот ва татбиқи технологияҳои нав, истифодаи инноватсия дар иқтисодиёти миллӣ таҳия менамоянд.

11. Айни замон таҳқиқоти илмиро дар миқёси тамоми мамлакат Шӯрои ҳамоҳангсозии корҳои илмию таҳқиқотӣ дар соҳаи илмҳои табиатшиносӣ, техникӣ, тиббӣ, кишоварзӣ,

гуманитарӣ ва ҷамъиятшиносӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамоҳанг месозад, ки он дар асоси қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 марти соли 2014, №173 амал мекунад. Дар Стратегия васеъ гардонидани мақоми Шӯрои ҳамоҳангсозии корҳои илмию таҳқиқотӣ, аниқ кардани ваколат ва масъулияти он дар соҳаи интихоб ва ҳамоҳангсозии корҳои илмию таҳқиқотӣ ва таҷрибавию конструкторӣ дар миқёси тамоми мамлакат пешбинӣ гардидааст. Ба он масъулияти на танҳо гузаронидани экспертизаҳо, интихоби лоиҳаву барномаҳо, балки баҳодиҳии аҳамияти илмии натиҷаҳои таҳқиқот ва самаранокии татбиқи амалиро низ вогузор кардан мебояд.

## 3. МУШКИЛОТИ МАВҶУДА ДАР СОҲАҲОИ ИЛМ ВА ИННОВАТСИЯ

12. Айни замон пешрафти минбаъдаи илм ва саҳми он дар рушди иҷтимоиву иқтисодии кишвар аз бисёр ҷиҳат ба ҳалли саривақтии як қатор мушкилоти ҳалталаб вобаста мебошад, аз ҷумла дар чунин самтҳо:

- таъминоти молиявии соҳаи илм. Соҳаи илм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон асосан аз буҷети давлатӣ маблағгузорӣ карда мешавад. Бо вуҷуде, ки хароҷот ба илм ба таври доимӣ меафзояд (чунончи, дар соли 2020 дар қиёс бо соли 2015 ин хароҷот ба кадри 150 фоиз афзоиш ёфт), вале ба таври умум ҳиссаи хароҷот ба илм дар ҳисоб бо маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ дар сатҳи паст қарор дорад. Ҳаҷми умумии маблағгузории соҳаи илм дар соли 2020 ҳамагӣ 120625226 сомониро ташкил медиҳад, ки дар муқоиса бо давлатҳои пешрафта нисбатан паст аст;

- таъминоти моддиву техникии муассисаҳои илмӣ ва муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ. Заминаи моддиву техникӣ, хусусан таҷҳизот ва асбобҳои илмӣ барои анҷом додани таҳқиқоти илмӣ беҳбудиро тақозо мекунад. Айни замон барои харидорӣ намудани таҷҳизоти муосири озмоишгоҳӣ маблағ нокифоя мебошад. Дар натиҷа, сатҳу сифати корҳои илмию таҳқиқотӣ барои ноил шудан ба дастовардҳои боз ҳам назаррас имконият намедиҳад;

- ташаккули заминаи муосири иттилоотии илм. Таҷрибаи ҷаҳонӣ шаҳодат медиҳад, ки бе истифодаи технологияҳои муосири иттилоотиву коммуникатсионӣ рушди илм ва ба вуҷуд овардани



технологияҳои қобили рақобат ва истифодаи онҳо дар амал имкон надорад. Гарчанде айни замон муассисаҳои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон, муассисаҳои илмии соҳавӣ, кафедраҳо ва озмоишгоҳҳои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ бо техникаи компютерӣ ба таври кифоя муҷаҳҳаз гардонида шуда, бо интернет пайваст шуда бошанд ҳам, суръати ташаккули инфрасохтори муосири иттилоотӣ дар ин муассисаҳо беҳбудӣ мехоҳад;

- тайёр кардани кадрҳои илмии тахассуси олии касбӣ. Дар муассисаҳои илмӣ олимони дараҷаи илмидошта тақрибан 50 фоизро ташкил медиҳанд, ки барои беҳтар намудани сифату самаранокии корҳои илмию таҳқиқотӣ басанда нест. Нокифоя будани шароити лозимии моддию иҷтимоии кормандони илмӣ, аспирантон, магистрону докторантон барои ҷалб намудани мутахассисони ҷавони лаёқатманд ба корҳои илмӣ баъзе мушкилиҳо эҷод менамояд. Норасоии мутахассисон дар чунин самтҳои илм, мисли сейсмология, технологияи иттилоотиву коммуникатсионӣ, энергетика, металлургия, биологияи молекулӣ, генетика, селексия, биотехнология, биохимия, экология, вирусология, иммунология, генетикаи тиббӣ, геронтология, андрология, осебшиносӣ, наркология, нефрология, офталмология, трансплантология, ҷарроҳии дилу рагҳо, мантиқ ва методологияи илм, онтология ва гноселогия, этика, эстетика, сотсиология, ҳуқуқи байналхалқӣ, таърих ва назарияи забоншиносӣ, демография, ҷуғрофия ва ғайра мушоҳида мешавад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо сабаби набудани миқдори зарурии кадрҳои илмии дараҷаҳои илмидор дар аксари ин самтҳо шӯроҳои диссертатсионӣ низ таъсис дода нашудаанд;

- ҳамгироӣ (интегратсия)и зарурии илм ва маориф. Яке аз омилҳои муҳимтарини баланд бардоштани самаранокии тайёр кардани кадрҳои илмӣ, истифодаи заминаи илмиву таҷрибавии муассисаҳои академӣ дар раванди таҳсил ва баланд бардоштани сатҳи таҳқиқоти илмӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ҳамгироии илм ва маориф мебошад. Вале бояд зикр намуд, ки неруи илмии муассисаҳои илмию таҳқиқотии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон, муассисаҳои илмию таълимии тиббии тобеи Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, муассисаҳои илмии соҳавӣ ва муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ҳоло бо мақсади муттаҳид кардани қувва ва

Замимаи 2
ба қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «30» июни соли 2021, №263

**Нақшаи**
**чорабиниҳо оид ба амалисозии Стратегияи Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**дар соҳаҳои илм, технология ва инноватсия барои давраи то соли 2030**



| № | Чорабиниҳо | Мухлати иҷро | Натиҷаҳои чашмдошт | Иҷрокунандагон | Манбаъҳои маблағгузорӣ |
|---|---|---|---|---|---|
| **1. МУҲАЙЁ НАМУДАНИ ЗАМИНАИ ТАШКИЛИЮ ҲУҚУҚӢ** | | | | | |
| 1. | Таҳия ва ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намудани лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Барномаи давлатии рушди истеҳсол ва коркарди зироатҳои равғандиҳанда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026» | Соли 2021 | Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Барномаи давлатии рушди истеҳсол ва коркарди зироатҳои равғандиҳанда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026» тасдиқ ва амалӣ карда мешавад | Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон, Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон | Маблағҳои буҷетии мақсадноки ҳамасола ба амалисозии Барнома ҷудошаванда, ҳамчунин маблағҳои махсуси вазорату идораҳо, ташкилоту муассисаҳо |
| 2. | Муайян кардани механизми нави ҳамкории ташкилотҳои илмӣ бо вазорату идораҳои дахлдор, корхонаю муассисаҳои истеҳсолӣ | Соли 2021 | Механизми нави ҳамкории ташкилотҳои илмӣ бо вазорату идораҳои дахлдор, корхонаю муаасисаҳои истеҳсолӣ муайян ва татбиқ карда мешавад | Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон, Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Маблағҳои буҷетии ҳамасола ба соҳа ҷудошаванда, ҳамчунин маблағҳои махсуси вазорату идораҳо, ташкилоту муассисаҳо |
| 3. | Таҳия ва ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намудани лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Барномаи давлатии рушду таҳкими заминаи илмию таҷрибавии Академияи кишоварзии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026» | Соли 2021 | Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Барномаи давлатии рушду таҳкими заминаи илмию таҷрибавии Академияи кишоварзии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026» тасдиқ ва амалӣ карда мешавад | Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон | Маблағҳои буҷетии мақсадноки ҳамасола ба амалисозии инБарнома ҷудошаванда, ҳамчунин маблағҳои махсуси вазорату идораҳо, ташкилоту муассисаҳо |
| 4. | Омода ва ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намудани лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи механизми фармоиши давлатӣ ба таҳқиқоти илмӣ» | Соли 2022 | Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи механизми фармоиши давлатӣ ба таҳқиқоти илмӣ» тасдиқ карда мешавад | Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон, вазоратҳои маориф ва илм, рушди иқтисод ва савдо, тандурустӣ | Маблағҳои буҷетии ҳамасола ба соҳа ҷудошаванда, ҳамчунин маблағҳои махсуси |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | | ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон | вазорату идораҳо, ташкилоту муассисаҳо |
| 5. | Таҳияи пешниҳодҳо ҷиҳати дастгирӣ ва ҳавасмандгардонии фаъолияти ихтироъкорӣ, навоварӣ ва корҳои патентиву литсензионӣ | Соли 2022 | Пешниҳодҳо ҷиҳати дастгирӣ ва ҳавасмандгардонии фаъолияти ихтироъкорӣ, навоварӣ ва корҳои патентиву литсензионӣ таҳия ва мавриди амал қарор дода мешаванд | Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон, Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Маблағҳои буҷетии ҳамасола ба соҳа ҷудошаванда, ҳамчунин маблағҳои махсуси вазорату идораҳо, ташкилоту муассисаҳо |
| 6. | Таҳия ва ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намудани лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Барномаи давлатии рушду таҳкими заминаи илмию таҷрибавии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026» | Соли 2022 | Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Барномаи давлатии рушду таҳкими заминаи илмию таҷрибавии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026» тасдиқ ва амалӣ карда мешавад | Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон | Маблағҳои буҷетии мақсадноки ҳамасола ба амалисозии ин Барнома ҷудошаванда, ҳамчунин маблағҳои махсуси вазорату идораҳо, ташкилоту муассисаҳо |



| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| 7. | Таҳия ва ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намудани лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Барномаи давлатии таҳқиқ ва татбиқи энергетикаи таҷдидшаванда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» | Соли 2022 | Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Барномаи давлатии таҳқиқ ва татбиқи энергетикаи таҷдидшаванда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» тасдиқ ва амалӣ карда мешавад | Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷуҳурии Тоҷикистон, Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон, Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон | Маблағҳои буҷетии мақсадноки ҳамасола ба амалисозии ин Барнома ҷудошаванда, ҳамчунин маблағҳои махсуси вазорату идораҳо, ташкилоту муассисаҳо |
| 8. | Таҳия ва ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намудани лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Барномаи давлатии таҳқиқи масъалаҳои алоқаманд ба муқовимат бо экстремизм, терроризм, кибертерроризми байналмилалӣ ва ифротгароии динӣ барои солҳои 2022-2026» | Соли 2022 | Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Барномаи давлатии таҳқиқи масъалаҳои алоқаманд ба муқовимат бо экстремизм, терроризм, кибертерроризми байналмилалӣ ва ифротгароии динӣ барои солҳои 2022-2026» тасдиқ ва амалӣ карда мешавад | Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Маркази таҳқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти ҳифзи ҳуқуқи дахлдор | Маблағҳои буҷетии мақсадноки ҳамасола ба амалисозии ин Барнома ҷудошаванда, ҳамчунин маблағҳои махсуси вазорату идораҳо, ташкилоту муассисаҳо |
| 9. | Таҳия ва ба Ҳукумати | Соли | Қарори Ҳукумати | Академияи миллии илм- | Маблағҳои |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намудани лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Барномаи давлатии рушди илмию инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026» | 2022 | Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Барномаи давлатии рушди илмию инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026» тасдиқ ва амалӣ карда мешавад | ҳои Тоҷикистон, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон, Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон | буҷетии мақсадноки ҳамасола ба амалисозии ин Барнома ҷудошаванда, ҳамчунин маблағҳои махсуси вазорату идораҳо, ташкилоту муассисаҳо |
| 10. | Таҳия ва ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намудани лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Барномаи давлатии рушди агротехнология ва био-технология дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026» | Соли 2022 | Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Барномаи давлатии рушди агротехнология ва биотехнология дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026» тасдиқ ва амалӣ карда мешавад | Вазорати кишоварзии Тоҷикистон, Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон | Маблағҳои буҷетии мақсадноки ҳамасола ба амалисозии ин Барнома ҷудошаванда, ҳамчунин маблағҳои махсуси вазорату идораҳо, ташкилоту муассисаҳо |
| 11. | Дар доираи маблағҳои буҷетии ҳамасола ба соҳаи илм ҷудошаванда ва воҳидҳои | Солҳои 2021-2030 | Дар ташкилотҳои илмӣ ва муассисаҳои илмию таҳқиқотии | Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Вазорати маориф ва | Маблағҳои буҷетии ҳамасола ба |



| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | кории амалкунанда дар ташкилотҳои илмӣ ва муассисаҳои илмию таҳқиқотии тобеи вазорату идораҳо таъсис додани воҳидҳои нави илмӣ дар самти фаъолияти илмию инноватсионӣ ва илмию технологӣ | | тобеи вазорату идораҳо воҳидҳои нави илмӣ дар самти фаъолияти илмию инноватсионӣ ва илмию технологӣ таъсис дода мешаванд | илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар вазорату идораҳои дахлдор | соҳа ҷудошаванда, ҳамчунин маблағҳои махсуси вазорату идораҳо, ташкилоту муассисаҳо |
| 12. | Омода кардани пешниҳод доир ба таъсиси шӯроҳои диссертатсионии нав дар соҳаи илмҳои табиатшиносӣ, тиббӣ, дақиқ ва техникӣ | Солҳои 2021-2030 | Пешниҳодҳо доир ба таъсиси шӯроҳои диссертатсионии нав дар соҳаи илмҳои табиатшиносӣ, тиббӣ, дақиқ ва техникӣ таҳия ва амалӣ карда мешаванд | Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикис-тон, Комиссияи аттестатсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба аттестатсияи кадрҳои илмӣ ва илмию омӯзгории тахассуси олӣ | Маблағҳои буҷетии ҳамасола ба соҳа ҷудошаванда, ҳамчунин маблағҳои махсуси вазорату идораҳо, ташкилоту муассисаҳо |
| 13. | Омода кардани пешниҳодҳо доир ба рушди ҳамкориҳои байналмилалии илмӣ ва илмию техникӣ | Солҳои 2021-2030 | Пешниҳодҳо доир ба рушди ҳамкориҳои байналмилалии илмӣ ва илмию техникӣ таҳия ва амалӣ карда мешаванд | Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон, Вазор-ати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии | Маблағҳои буҷетии ҳамасола ба соҳа ҷудошаванда, ҳамчунин маблағҳои |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | | аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазорату идораҳои дахлдор | махсуси вазорату идораҳо, ташкилоту муассисаҳо |
| 14. | Таъсис додани маҷаллаи илмии «Илм, технология ва инноватсия дар Тоҷикистон», ҳамчунин тарғибу ташвиқи соҳаи фаъолияти илмию инноватсионӣ ва илмию технологӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути васоити ахбори умум | Солҳои 2021-2030 | Маҷаллаи илмии «Илм, технология ва инноватсия дар Тоҷикистон» таъсис дода мешавад, тарғибу ташвиқи соҳаи фаъолияти илмию инноватсионӣ ва илмию технологӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути васоити ахбори умум пурзӯр карда мешавад | Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон, Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар вазорату идораҳои дахлдор | Маблағҳои буҷетии ҳамасола ба соҳа ҷудошаванда, ҳамчунин маблағҳои махсуси вазорату идораҳо, ташкилоту муассисаҳо |
| 15. | Омода ва барои татбиқ ба вазорату идораҳо, ташкилоту корхонаҳои ҳама шаклҳои моликият пешниҳод намудани номгӯи коркардҳои илмӣ ва технологияҳои муҳим | Солҳои 2021-2030 | Номгӯи коркардҳои илмӣ ва технологияҳои муҳим омода карда шуда, барои татбиқ ба вазорату идораҳо, ташкилоту корхонаҳои | Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон, Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии | Маблағҳои буҷетии ҳамасола ба соҳа ҷудошаванда, ҳамчунин маблағҳои |



| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | ҳама шаклҳои моликият пешниҳод мегарданд | аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон | махсуси вазорату идораҳо, ташкилоту муассисаҳо |
| 16. | Татбиқи бандҳои дахлдори Нақшаи чорабиниҳо оид ба амалисозии «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ» | Солҳои 2021-2030 | Нақшаи чорабиниҳо бахшида ба «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ» амалӣ карда мешавад | Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон | Маблағҳои буҷетии ҳамасола ба соҳа ҷудошаванда, ҳамчунин маблағҳои махсуси вазорату идораҳо, ташкилоту муассисаҳо |
| 17. | Омода ва амалӣ кардани барномаҳои муштараки мақсаднок ва комплексии илмӣ ва илмию техникӣ доир ба самтҳои афзалиятдоштаи таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ, ки ба рушди минбаъдаи иҷтимоиву иқтисодии мамлакат равона карда шудаанд | Солҳои 2022-2030 | Барномаҳои муштараки мақсаднок ва комплексии илмӣ ва илмию техникӣ доир ба самтҳои афзалиятдоштаи таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ, ки ба рушди минбаъдаи иҷтимоиву иқтисодии мамлакат равона карда шудаанд, таҳия вав бо қарори | Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон, Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии | Маблағҳои буҷетии ҳамасола ба соҳа ҷудошаванда, ҳамчунин маблағҳои махсуси вазорату идораҳо, ташкилоту муассисаҳо |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешаванд | Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазорату идораҳои дахлдор | |
| 18. | Таҳия ва ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намудани лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Номгӯйи самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2026-2030» | Соли 2025 | Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Номгӯйи самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2026-2030» тасдиқ ва амалӣ карда мешавад | Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон, Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Маблағҳои буҷетии ҳамасола ба соҳа ҷудошаванда, ҳамчунин маблағҳои махсуси вазорату идораҳо, ташкилоту муассисаҳо |



**2. НОМГӮЙИ МУҲИМТАРИН ТЕХНОЛОГИЯҲОЕ, КИ БАРОИ КОРКАРД ВА ТАТБИҚ ДАР ИСТЕҲСОЛОТ ДАР ДАВРАИ ТО СОЛИ 2030 БА НАҚША ГИРИФТА ШУДААНД**

| № | Номи технология | Ташкилоти масъул ҷиҳати коркарди технология | Мухла-ти кор-кард, солҳо | Натиҷаҳои чашмдошт, самараи иқтисодӣ | Вазорат, идора, ташкилот ва корхонае, ки техно-логияҳоро татбиқ карда метавонад | Манбаъҳои маблағгузорӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|
| **§1. Гидроэнергетика, энергияи таҷдидшаванда, энергияи сабз, захираҳои обию энергетикӣ** | | | | | | |
| 19. | Коркард ва татбиқи Зол-Гел технологи-яи тайёр карда-ни диодҳои рав-шанидиҳанда ва панелҳои офтобӣ | Институти физикаю техникаи ба номи С.У.Умаров и Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон | 2021-2024 | Дар мавриди ба роҳ мондани технология имконияти истеҳсоли фурӯзонакҳои диодии каммасраф (лампаҳои диодии афканишоти гуногун) ва панелҳои офтобӣ дар дохили Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вуҷуд меояд | Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон, «Тоҷиктелеком», ширкатҳои хусусии хизматрасонии мобилӣ ва интернет-провайдерҳо | Маблағҳои буҷетии барои соҳа пешбинишуда, грантҳо |
| 20. | Коркард ва татбиқи технологияи бо оби гарм таъмин намудани хонаҳо бо истифодаи гармии замин (тавассути об, ҳаво) | Маркази рушди инноватсионии илм ва технологияҳои нави Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон | 2023-2026 | Гуногуншаклии гармидиҳии обҳои зеризаминӣ ва системаи ҳаво имконият медиҳанд, ки барои ҳар як ҳолати мушаххас системаи самаранокӣ муносибро интихоб намоем. Самаранокии кори чунин дастгоҳҳои гармидиҳӣ тақрибан 90% -ро ташкил | Вазорати саноат ва технологияи нави Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Маблағҳои буҷетии барои соҳа пешбинишуда, грантҳо |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | медиҳад | | |
| 21. | Коркард ва татбиқи усули электролитии истеҳсоли кремнийи сифати офтобӣ | Маркази рушди инноватсионии илм ва технологияҳои нави Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон | 2021-2024 | Дар замони ҳозира дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истеҳсоли кремний ба роҳ монда нашудааст, аммо иқтидори калони гидроэнергетикӣ, мавҷудияти ашёҳои хом, амсоли булӯри кӯҳӣ ва кварси рагадор, инчунин инфрасохтори саноати алюминий ба таври зарурӣ рушд кардааст, ки моро водор месозад ба таҳқиқоти ин самт рӯ биёрем. Дар натиҷа кремнийи сифати офтобӣ дар асоси ашёи хоми маҳаллӣ истеҳсол карда мешавад | Вазорати саноат ва технологияи нави Ҷумҳурии Тоҷикистон, Корхонаи воҳиди давлатии «Ширкати алюминийи тоҷик» | Маблағҳои буҷетии барои соҳа пешбинишуда, грантҳо |
| 22. | Коркард ва татбиқи системаи ченкунии интенсивияти термикӣ | Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экологияи Академияи миллии илмҳои | 2021-2023 | Самаранокии ченкунии интенсивияти термикиро баланд мебардорад | Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии обуҳавошиносии назди Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати | Маблағҳои буҷетии барои соҳа пешбинишуда, грантҳо |
| | | Тоҷикистон | | | Ҷумҳурии Тоҷикистон | |
| 23. | Коркард ва татбиқи модели офатҳои табиии марбут ба об бо усули технологияи НИГ (низоми иттилоотии географӣ ) | Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экологияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон | 2024-2028 | Барои арзёбӣ, дурнамо ва идоракунии хавфи офатҳои табиии марбут ба об дар Ҷумҳурии Тоҷикистон имкон медиҳад | Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии обуҳавошиносии назди Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Маблағҳои буҷетии барои соҳа пешбинишуда, грантҳо |
| **§2.Таҳқиқи Кайҳон ва энергияи атомӣ бо мақсадҳои осоишта** | | | | | | |
| 24. | Коркард ва татбиқи модели ҳаракати объектҳои наздизаминии эҳтимолан хавфнок дар асоси мушоҳидаҳо | Институти астрофизикаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон | 2021-2025 | Барои баҳодиҳии дараҷаи хавфнокӣ, пешгӯии бархӯрди эҳтимолии объектҳои интихобшуда ба атмосфераи Замин ва баҳодиҳии оқибатҳои он имкон медиҳад | Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии обуҳавошиносии назди Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Маблағҳои буҷетии барои соҳа пешбинишуда, грантҳо |
| 25. | Коркард ва | Институти | 2024- | Барои баҳодиҳии | Вазорати мудофиаи | Маблағҳои |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | татбиқи моделӣ наздикшавии моҳвораҳои амалкунанда бо пораҳои партови кайҳонӣ дар асоси мушоҳидаҳо | астрофизикаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон | 2029 | дараҷаи хавфнокӣ, пешгӯии бархӯрди эҳтимолии моҳвораҳои амалкунанда бо пораҳои партови кайҳонии интихобшуда имкон медиҳад | Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | буҷетии барои соҳа пешбинишуда, грантҳо |
| 26. | Коркард ва татбиқи технологияи мушоҳидаи парвози таҷҳизоти кайҳонӣ бо истифодаи телескопҳои расадхонаҳои Тоҷикистон | Институти астрофизикаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон | 2026-2029 | Усулҳои мушоҳидаи парвози таҷҳизоти кайҳонӣ коркард шуда, махзани маълумотҳо бо намуди маҳсули тайёр барои татбиқ ба идораҳои манфиатдор пешниҳод карда мешавад | Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентиҳои кайҳонии хориҷӣ | Маблағҳои буҷетии барои соҳа пешбинишуда, грантҳо |
| 27. | Коркард ва татбиқи технологияи рақами-гардонии фото-пластинаҳо ва бунёди махзани маълумотҳои мушоҳидавии виртуалӣ | Институти астрофизикаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон | 2024-2029 | Маводи зиёди мушоҳидавӣ, ки дар Тоҷикистон ҷамъоварӣ шудаанд, дар махзани маълумотҳои ҷаҳонӣ татбиқ шуда, ба ҷомеаи илмии ҷаҳонӣ дастрас мегарданд | Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон | Маблағҳои буҷетии барои соҳа пешбинишуда, грантҳо |



| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 28. | Коркард ва татбиқи технологияи бақайдгирӣ ва коркарди нурҳои кайҳонии энергияҳои фавқулбаланд | Институти физикаю техникаи ба номи С.У.Умаров и Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон | 2021-2030 | Усулҳои нави ба қайд гирифтани нурҳои кайҳонӣ (энергияҳои 10 ТэВ–1 ЭэВ) коркард мешаванд, ки он яке аз масъалаҳои маркази астрофизикаи зарраҳои энергияи фавқулбаланд ва физикаи зарраҳои элементарӣ мебошад | Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Маблағҳои буҷетии барои соҳа пешбинишуда, грантҳо |
| §3. Комплекси саноатӣ ва ашёи хоми маъданӣ, ба вуҷуд овардани маводи нав ва технологияҳои муосир | | | | | | |
| 29. | Коркард ва татбиқи таркиби хӯлаҳои нави ноқилӣ дар асоси алюминий ва санҷиши онҳо дар корхонаҳои электротехникии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Институти химияи ба номи В.И. Никитини Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон | 2021-2030 | Хӯлаҳои нави алюминий дар корхонаи саноатии Тоҷикистон истифода мешаванд | Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон, КВД «ТАЛКО» | Маблағҳои буҷетии барои соҳа пешбинишуда, грантҳо |
| 30. | Коркард ва татбиқи технологияи коркарди | Институти химияи ба номи В.И. Никитини | 2022-2025 | Истеҳсоли шиша ба роҳ монда мешавад, ки он дар ҷумҳурӣ ниҳоят зарур буда, | Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон | Маблағҳои буҷетии барои соҳа пешбинишуда, |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | шишаи бордошта аз ашёи хоми маҳаллӣ | Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон | | дар соҳаҳои гуногун истифода мешавад | | грантҳо |
| 31. | Коркард ва татбиқи технологияи ҳосил кардани коагулянтҳо барои тоза кардани об аз аргилитҳо ва каолинитҳо | Институти химияи ба номи В.И.Никитини Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон | 2021-2024 | Ҳаҷми маҳсулоти истеҳсолшаванда бояд дар як сол 1000 тоннаро ташкил диҳад | Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон, КВД «ТАЛКО» | Маблағҳои буҷетии барои соҳа пешбинишуда, грантҳо |
| 32. | Коркард ва татбиқи технологияи ҳосил кардани нуриҳои фосфорӣ (аммофос, суперфосфат) аз орди фосфоритӣ | Институти химияи ба номи В.И.Никитини Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон | 2021-2025 | Истеҳсоли нуриҳои фосфорӣ ва таъмини соҳаи кишоварзӣ бо нуриҳои фосфорӣ ба роҳ монда мешавад | Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҶСК «Тоҷиказот» | Маблағҳои буҷетии барои соҳа пешбинишуда, грантҳо |
| 33. | Коркард ва татбиқи технологияи истеҳсоли пектин аз фишурдаҳои меваҷот ва боқимондаи офтобпараст пас аз коркарди равған | Институти химияи ба номи В.И.Никитини Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон | 2021-2030 | Дар соли аввал 30 тонна пектин аз боқимондаи меваҷот пас аз коркарди шарбат ва 20 тонна пектини офтобпараст барои ниёзи саноатҳои хӯрокворӣ ва дорусозӣ истеҳсол карда мешавад. Ҳаҷми истеҳсолот дар солҳои оянда зиёд карда мешавад.<br>Пектин дар корхонаи қаннодӣ, маҳсулоти ширӣ ва дорусозӣ васеъ истифода мешавад. Ин аввалин технологияи коркард дар миқёси давлатҳои ИДМ хоҳад гашт. Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад ин технологияро дар давлатҳои дигар татбиқ намояд | Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Маблағҳои буҷетии барои соҳа пешбинишуда, грантҳо |
| 34. | Коркард ва татбиқи технологияи моделсозии квантии сохтори оптикӣ, геометрӣ ва электронии ма- | Институти физикаю техникаи ба номи С.У.Умаров и Академияи миллии илмҳои | 2021-2025 | Тариқи ин технология сохтори молекулавии маводи инноватсионӣ муайян карда мешаванд, ки дар истеҳсоли экранҳои моеъкристаллӣ бо равшандиҳандаҳои нанокристаллӣ ҷузъи | Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон | Маблағҳои буҷетии барои соҳа пешбинишуда, грантҳо |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | води фосфории Mn4+ илова кардашуда | Тоҷикистон | | асосӣ мебошанд. Коркарди технология ба содироти маводи зеҳнӣ имконият медиҳад | | |
| 35. | Коркард ва татбиқи технологияи истеҳсоли маводи дорои фосфори сурх ва кабуд барои техноло-гияи Q- LED | Институти физикаю техникаи ба номи С.У.Умаров и Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон | 2026-2030 | Дар асоси технологияи моделсозӣ таҷҳизоти махсуси лабораторӣ дастрас шуда, технологияи истеҳсоли Q- LED-таҷҳизот коркард мешавад | Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон | Маблағҳои буҷетии барои соҳа пешбинишуда, грантҳо |
| 36. | Коркард ва татбиқи технологияи истеҳсоли сангҳои қиматбаҳо | Институти физикаю техникаи ба номи С.У.Умаров и Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон | 2022-2030 | Коркарди ашёи хом, ки дар кишвар зиёд аст ва дар асоси он истеҳсол намудани сангҳои қиматбаҳо самараи назарраси иқтисодӣ дорад. Масалан, дар асоси ашёи хоми «Кӯҳи лаъл»-и корунд истеҳсоли кристалли рубин ва «Лаъли Бадахшон»-ро ба роҳ мондан мумкин аст | Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон | Маблағҳои буҷетии барои соҳа пешбинишуда, грантҳо |



| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 37. | Коркард ва татбиқи технологияи истеҳсоли маъдани форстерит | Институти физикаю техникаи ба номи С.У.Умаров и Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон | 2021-2027 | Форстерити табиӣ аз конҳои «Кӯҳи Лаъл» ва «Мулвач» (қисмати ҷанубу ғарбии Помир) коркард мешавад, ки он дар соҳаи радиоэлектроника истифода мешавад. Истеҳсоли ин мавод ба нафъи Тоҷикистон мебошад, зеро он дар бозори ҷаҳонӣ талаботи зиёд дорад | Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон | Маблағҳои буҷетии барои соҳа пешбинишуда, грантҳо |
| 38. | Коркард ва татбиқи технологияи истифодаи бентонитҳо дар парвариши пахта | Институти геология, сохтмони ба заминҷунбӣ тобовари Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Институти ботаника, физиология ва генетикаи растании Академияи | 2021-2025 | Ба сарфаи об ҳангоми парвариши пахта имкон медиҳад | Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон | Маблағҳои буҷетии барои соҳа пешбинишуда, грантҳо |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | миллии илмҳои Тоҷикистон | | | | |
| 39. | Коркард ва татбиқи усули геофизикии баланд бардоштани сифати металлҳо | Институти геология, сохтмони ба заминҷунбӣ тобовар ва сейсмологияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Институти химияи ба номи В.И. Никитини Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон | 2021-2025 | Усули коркардшуда таъсири микросейсмҳо ва ларзишҳоро ба раванди кристаллизатсияшави и гудозишҳои металлҳо бо мақсади баланд бардоштани хосиятҳои физикию химиявӣ ва механикии рехтаҳои металлҳо коҳиш медиҳад | Вазорати саноат ва технологияи нави Ҷумҳурии Тоҷикистон | Маблағҳои буҷетии барои соҳа пешбинишуда, грантҳо |
| 40. | Коркард ва татбиқи технологияи истеҳсоли хӯлаҳои бисёртаркиба | Маркази таҳқиқоти технологияҳои инноватсионии назди | 2021-2024 | Хӯлаҳои дорои хосияти баланди истифодабарандагӣ коркард мешаванд, ки истеҳсоли қисме аз маҳсулоти барои | Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҶСК «Ширкати алюминии тоҷик», корхонаҳои | Маблағҳои буҷетии барои соҳа пешбинишуда, грантҳо |



4. Координация деятельности государственных органов, организаций по осуществлению настоящей стратегии и плана мероприятий по ее реализации, а также контроль за их выполнением возложить на Национальную академию наук Таджикистана.

5. Национальной академии наук Таджикистана ежегодно до 15 февраля представлять в Правительство Республики Таджикистан информацию о ходе реализации настоящей стратегии и плана мероприятий по ее реализации.

Председатель
Правительства Республики
Таджикистан Эмомали Рахмон